Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Мирзозода П. З. дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Таъмини сифати мол, кор ва хизматрасонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки танзими ҳуқуқӣ мебошад, зеро дар сурати риоя накардани талаботи сифати мол, кор ва хизматрасонӣ, зарари назаррас ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, муҳити зист, инчунин моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида мешавад. Дар баробари ин гузаштан ба иқтисодиёти

бозоргонӣ яке аз шартҳои муҳимтарини бастани шартномаҳо сифати мол, кор ва хизмат гардид. Соҳибкорон дар бозори мол ва хизматрасонӣ ҳамчун истеҳсолкунандагон, ки барои фурӯш мол истеҳсол мекунанд ва ҳамчун ичрокунандагон, ки корҳо ё хизматрасониҳо ба сомон мерасонанд, уҳдадории таъмини сифати мол, кор ва хизматрасониро ба зимма гирифтанд.

Тадқиқоти диссертатсионии унвончуй дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ бахшида шуда, саривақтӣ, муҳим ва дорои аҳамияти назариявию амалӣ арзёбӣ мегардад.

Диссертатсияи муаллиф бонизом ва дар сатҳи баланди мантиқию илмӣ таҳия гардида, андешаҳои илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андешаҳои илмӣ оид ба мукаммалгардонии меъёрҳои қонунгузории гражданӣ ва соҳибкориро фарогир мебошад.

**Сохтори рисола.** Муаллиф дар доираи чор боби фарогирандаи сездаҳ зербоб (параграф) ба пуррагӣ тавонистааст, ки ба ҳадафу вазифаҳои дар назди худ гузошта ноил гардад.

Боби якуми диссертатсия – «**Масъалаҳои назариявии сифати мол, кор ва хизмат**» буда, аз чор зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар боби мазкур ба таври дақиқ, асоснок ва ҳаматарафа мол, кор ва хизмат ҳамчун объектҳои ҳуқуқи гражданӣ, сифати мол, кор ва хизмат: фаҳмиши назариявӣ ва амалӣ, бехатарии мол, кор ва хизмат ҳамчун унсури сифат, кафолати сифати мол, кор ва хизматро мавриди таҳлил қарор дода, ибрози андеша намудааст, ки бояд ба назар гирифт, ки сифат мафҳуми мураккаб мебошад ва худ аз худ риояи дақиқи ҳама талаботҳои ҳатмиро дар вақти истеҳсоли маҳсулот на ҳамеша кафолат медиҳад. Дар ин чараён риояи чанд талабот муҳим мебошад: якум, пеш аз оғози омодакунӣ бевосита як қатор зинаҳои иловагӣ вуҷуд дорад – ихтироъ,

лоиҳакашӣ, азхудкунии маҳсулоти нав, омодакунии он ба истеҳсолот; дуюм, сифати маҳсулот, чунин хосиятҳоро фаро мегирад, ки аллакай пас аз омодасозии он истифода мешавад – нигоҳдорӣ дар ҷараёни интиқолдиҳӣ, устуворӣ дар рафти истифодаи дурудароз, дастрасӣ ва имконияти таъмири фаврӣ ва ғайра. Воқеан сифати мол воҳиди доимӣ нест, вай бо гузашти вақт, инкишофи эҳтиёҷоти харидорон, пешрафти илмӣ – техникӣ, таъсири ВАО ва рекламаи тиҷоратӣ метавонанд тағйир ёбад. Чи тавре ки сифат ҳамчун шарти шартнома дар зери таъсири талаботҳои истеҳсолию техникӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ қарор дорад, истеъмолкунанда низ мутлақан озод нест. Иштирокчиёни касбии бозор ҳамеша саъю кӯшиш доранд, ки харидорон ва ё истеъмолкунандагонро ба худ вобаста намоянд. Дар ташкилотҳои бонуфузи трансмиллии тиҷоратӣ барои ин кор маблағҳои калон ҷудо карда мешаванд (саҳ. 34-35).

Шарҳу эродҳои пешниҳодшуда муҳокима гардида, хулосаҳои онҳо дар рафти коркард, таҷдиди назар ё қабули чораҳо ба эътибор гирифта мешаванд; речаи миллӣ – баробар будани тамоми талабот ва чораҳои татбиқшаванда нисбат ба таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ барои маҳсулоти хӯрокворӣи воридшаванда ва маҳсулоти хӯрокворӣи ватанӣ; савдои озод – қонуни мазкур мутобиқи принсипҳои савдои озод, татбиқ гардида, сатҳи баланди ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсонро таъмин менамояд (саҳ.77-79).

Дар баробари мавҷуд будани «кафолати сифат», дар қонунгузорӣ зарур аст, ки дар муомилоти молӣ мафҳуми «кафолати сифати иловагии тозашуда» ворид карда шавад. Зери ин мафҳум кафолати шартномавӣ фаҳмида мешавад, ки берун аз доираи мӯҳлатҳои бо қонун вуҷуд доштани кафолат фаҳмида шуда, ба туфайли он харидор (фармоишгар) ҳаҷми маҳдудисоҳибҳуқуқиро, ки ба нигоҳдории моли (натиҷаи кор, хизмат) равона шудааст, дар ҳолати дахлдор аз ҳисоби фурӯшанда (пудратчӣ, иҷрокунанда) ба даст меорад. Барои таъмири кафолатнок ҳамчун воситаи ҳифзи манфиатҳои харидорон бояд он ба як қатор

шартҳои ҳатман риояшаванда мутобикат кунад. Қонун ва тибқи он санадҳои зерқонунӣ бояд шарти умумии ҳатмии таъмири кафолатнокро муқаррар намоянд. Таъмир танҳо ба он шарте амалӣ мешавад, ки агар ба пуррагӣ коршоямӣ, устуворӣ ва пуррагии маҳсулотро барқарор намудан имконпазир бошад (саҳ. 107-108).

Боби дуюми диссертатсия « **Воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизмат**» номгузорӣ шуда, аз чор зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар ин қисмат бештар ба низоми тарзҳои таъмини сифати мол, кор ва хизмат, танзими техникии сифати мол, кор ва хизмат, тарзҳои шартномавии таъмини сифати мол, кор ва хизмат, тарзҳои дигари танзими сифати мол, кор ва хизмат диққат дода аст, ки барои баррасии проблемаҳои ҷойдошта муҳим мебошад. Ӯ баён менамояд, ки тарзҳои ҳуқуқи граждании таъмини сифати мол, кор ва хизмат нисбати мафҳуми воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ маънои якхела надоранд. Механизми алоҳидаи танзими ҳуқуқи граждании сифати мол, кор ва хизмат аз давраи гуфтушунидҳо, муҳокимаи нақшаҳои тиҷоратӣ, асоснокунии техникӣ ва иқтисодӣ, истеҳсол ва фурӯш оғоз гардида, давраҳои таҷдидисифат ва пешбурди корҳои илмӣ, конструкторӣ ва технологиро дар бар мегирад. Зери механизми танзими ҳуқуқи гражданӣ дар ин маврид муаллиф низоми воситаҳои ҳуқуқиро мефаҳмад, ки ба таври пайваста, ба мақсади бартараф кардани монеаҳо дар амалигардонии ҳуқуқҳои гражданӣ ва қонеъ гардонидани манфиатҳои қонунии субъектони ҳуқуқи гражданӣ равона гардидааст. Унсурҳои механизми танзими ҳуқуқи граждании сифати мол, кор ва хизмат дар маҷмуи муайян мутаҳҳид шуда, дар шакли тарзҳои дахлдори ҳуқуқи граждании таъмини сифат дар истеҳсолоти моддӣ ва маънавӣ баромад мекунанд. Тарзҳои мазкур бояд зарурӣ, дар маҷмуи худ бошанд, барои ба мақсадҳои асосии онҳо – таъмини сифати дахлдор равона гарданд. Амали онҳо бояд ба оқибатҳои муайяни ҳуқуқи позитивӣ оварда расонад. Дар ин маврид ҳуқуқ ба сифати ашёи молӣ, кор ва хизмат имконияти амалишудае мебошад, ки на танҳо эҳтиёҷоти харидор, балки

эҳтиёҷоти давлат ва ҷомеаро ба рушди устувор қонеъ мегардонад. Сифат ҳамчун яке аз шартҳои шартнома ду ҷиҳат дорад: хусусӣ ва оммавӣ. Дар мавриди якум эҳтиёҷоти харидор қонеъ гардонида мешавад. Оммавӣ будани ин шарт дар иҷтимоигардонии масъалаи ҳуқуқи гражданӣ инъикос мегардад. Субъектони манфиати умум иштирокчиёни касбии бозорро ҳавасманд мегардонанд, агар онҳо дар таносуби манфиати худ ва омма тавозун эҷод намоянд.

Таҳлили амалияи судҳо дар мавриди баррасии чунин парвандаҳо нишон медиҳад, ки гуноҳи маҳсулотсупоранда дар иҷро накардани назорати пешакии дохилӣ мебошад. Ин андеша аз нигоҳи манфиатҳои харидор дуруст аст, аммо ҳуқуқи маҳсулотсупоранда оид ба муомилот баровардани моли худ маҳдуд карда мешавад. Ҳангоми қабули маҳсулот аз истеҳсолкунанда он эъломия ва ё сертификатсияро ба роҳбарӣ мегиранд, лекин ӯ ҳар як маҳсулотро оид ба мутобиқатии он ба дастурҳои техникӣ санҷида наметавонад. Дар ин ҳолат ба ҷавобгарии молу мулкӣ ҷалб намудани молистеҳсолкунанда ҳамчун ҳамҷавобгар дурустар мебошад (саҳ.133).

Муаллиф таъкид намудааст, ки самаранокии санадҳои техникӣ бисёртар аз сатҳи баҳодиҳии мутобиқат вобаста аст, мутаносибан таҳлили ин баҳогузорӣ унсури муҳимми ҳама ҷараён мебошад. Баҳогузории мутобиқат дар шакли назорати давлатӣ, аккредитатсия, санҷиш, бақайдгирӣ, тасдиқи мутобиқат, қабулкунӣ ва ба истифода додани объекти баитмомрасида ва бо шаклҳои дигар ба амал бароварда мешавад. Дар амалияи байналмилалӣ усули баҳогузории мутобиқат одатан дар худ расман эълон намудани мутобиқат, санҷиш, сертификатсияро фаро мегирад. Тартиби баҳогузории мутобиқат чун қоида ба ду категорияи васеъ ҷудо мешаванд: якум он тартиберо фаро мегирад, ки тибқи он маҳсулот то ворид шудан ба бозор баҳогузорӣ карда мешавад; дуюм масъулияти истеҳсолкунанда ё молрасонро барои гузаронидани худи тартиби баҳогузории мутобиқати маҳсулоти ба бозор воридшаванда ба талаботи санадҳои техникӣ мувофиқ пешбинӣ

менамояд. Дар ин самт омили аз ҳама муҳим тартиби баҳогузории мутобиқатро эътирофи мутақобилаи дигар давлатҳо мебошад. Созишнома оид ба стандартонии СУС муқаррар менамояд, ки мамлакатҳои иштирокчиёни созишнома бояд натиҷаи тартиби баҳогузории мутобиқатро дар шароите, ки онҳо бо он қонеъ гардида, ин тартибҳо баҳогузории мутобиқатро бо санадҳои техникии истифодашавада таъмин менамояд, эътироф намоянд (саҳ.185-186).

Боби сеюми диссертатсия **«Воситаҳои таъмини ҳуқуқҳои истеъмолкунанда ба сифати мол, кор ва хизмат»** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар ин қисмат масоили моҳияти воситаҳои таъмини ҳуқуқҳои субъективии истеъмолкунанда ба сифати мол, кор ва хизмат, воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизматро таҳлили намудааст. Ба андешаи муаллиф маънои илмӣ–амалии мафҳуми «воситаҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои субъективии шахс» ба функсияҳо ва нақши фаъоли шахс дар таъсис ва рушди ҷомеаи маданӣ ва волоияти қонун вобаста аст. Бо ҷудо кардани як бахши махсуси воқеияти ҳуқуқӣ, ки мушкилоти танзими ҳуқуқиро бартараф мекунад, хусусияти робитаҳои ҳуқуқӣ мустақиман ифода мегардад. Воситаҳои ҳуқуқӣ барои тасдиқи равиши нави илмӣ, ки тибқи талаботи воқеияти объективӣ, зуҳуроти воқеияти ҳуқуқиро ҳамчун «воситаҳои ҳуқуқӣ» (усулҳо, тадбирҳо ва тартибот) барои ҳалли воқеӣ ва самараноки таъмини ҳуқуқу озодиҳои субъектони ҳуқуқи гражданӣ ифшо мекунанд, аҳаммияти муҳим доранд. Чунин ҳолат бо талаботҳои ҳаёти иҷтимоии ҷомеа алоқаманд буда, талаботи амалияи ҳуқуқиро ифода мекунад. Доираи танзими иштироки субъектони ҳуқуқи гражданӣ дар бозори молӣ, бо риояи меъёрҳои муқарраргардида, ки дурнамои иловагии ҳамкориҳои амиқ ва созандаи ҳуқуқиро бо воқеияти ҳуқуқӣ ифода менамояд, вобастагӣ дорад. Дар таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, ки ба эҳтиёҷоти танзими ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд, тавсифи мафҳумҳои бозори истеъмолӣ ва таснифоти воситаҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқу

озодиҳои субъектҳои он, ки ҳамчун унсури механизми онҳо таъмини ичрои уҳдадорихо ҷузъҳои асосии он мебошад. Бо вучуди дарки ин масъала, аввал таҳлили назариявии воситаҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои субъективии шахсро талаб мекунад ва пас аз ошкор шудани воситаҳои соҳавии дахлдор, ки дорои хусусиятҳои хоси алоҳидаи инфиродӣ мебошанд, онҳо аз якдигар вобаста ба мансубияташон ба соҳаи муайяни ҳуқуқ, бо назардошти он ки на ҳама соҳаҳои ҳуқуқ чунин имконият доранд, таҳлил карда мешаванд (саҳ. 195-196).

Воситаҳои ҳуқуқиро дарҷ намуда, қонунгузор мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи баррасишавандаро пеш мегирад. Дар робита бо ин, низоми сохтории воситаҳои ҳуқуқи граждании таъмини сифати мол, кор ва хизматро дар бозори истеъмолӣ чунин мебошад: 1) маҷмуи воситаҳои ҳуқуқи граждании таъмини сифати мол, кор ва хизмат нисбати доираи номуайяни истеъмолкунандагон (зернизоми якум); 2) маҷмуи воситаҳои ҳуқуқи граждании таъмини сифати мол, кор ва хизмат нисбати доираи мушаххаси истеъмолкунандагон (зернизоми дуюм). Дар умум воситаҳои таъмини сифати мол, кор ва хизмат, ба ақидаи мо метавонад, бо якчанд асос тавсиф карда шавад. Масалан, воситаҳои зикргардида вобаста ҳуқуқ ва манфиати субъектони ҳимояшаванда тавсиф мешаванд. Дар асоси ин меъёр воситаро мумкин аст ба ду гуруҳ ҷудо намоем: таъминкунандаи (ҳимоякунандаи) ҳуқуқи доираи номуайяни истеъмолкунандагон (масалан, танзими техникӣ, баҳодиҳии мутобиқат, аудити сифат, назорати савдо ва ғайра.) ва истеъмолкунандаи мушаххас (масалан, уҳдадории ба истеъмолкунанда пешниҳод намудани иттилооти саҳеҳ оид ба истеҳсолкунанда, мол ва ғайра) (саҳ.205).

Умуман хулоса намудан мумкин аст, ки таъмини сифати дахлдори мол, кор ва хизмат нисбати ҳам доираи номуайяни шахсон ва ҳам нисбати истеъмолкунандаи мушаххас ба воситаи низоми воситаҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Махсусиятҳои низоми зикргардидаи

воситаҳои ҳуқуқӣ инҳо мебошанд: (1) ба таври қонунгузорӣ императивӣ будани муқаррар намудани воситаҳои ҳуқуқӣ (масалан: дар ҳолати фурӯши моли пастсифат бо қонун барои контрагенти истеъмолкунанда оқибатҳои муайян пешбинӣ гардидааст; зарурати аз ҷониби контрагентҳои истеъмолкунанда риоя намудани МҚС ва ғайра.; (2) роҳҳои дарҷ намудани чунин воситаҳо (масалан, воситаҳои умумии таъмини сифат дар КГ ҶТ дарҷ карда шуда, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мушаххас гардонида шудааст); (3) табиати гуногуни соҳавии ин воситаҳо (аз ҷумла ин дар мисоли муҷозотҳо) дида мешавад ва метавонад ба шахсе, ки дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда ҳуқуқвайронкунӣ содир намудааст истифода шаванд (масалан, шахси гунаҳгор мумкин аст ба ҷавобгарии гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ ҷалб карда шаванд) ё танзими техникӣ метавонад ҳамчун воситаи ҳуқуқи гражданӣ баррасӣ шавад (саҳ.237-238).

Боби чоруми диссертатсия – «**Нақши ҷавобгарӣ дар таъмини сифати мол, кор ва хизмат**» буда, аз се зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар боби мазкур ба таври дақиқ, асоснок ва ҳаматарафа таъмини сифати мол, кор ва хизмат ба воситаи чораҳои ҳимоя ва ҷавобгарӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши моли (кор ва хизмати) сифати номатлуб, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талабот оид ба сифати мол, кор ва хизматро мавриди таҳлил қарор дода, ибрози андеша намудааст, ки на ҳама тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи субъективии гражданӣ метавонад дар вақти вайрон кардани шарти шартнома оид ба сифат татбиқ шавад.

Дар асоси таҳлили амалияи судӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз ҷониби муаллиф ошкор карда шудааст, ки бисёртар ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар вақти бартараф кардани камбудиҳои мол аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшандаи ваколатдорнамудаи ташкилот ё соҳибкори инфиродии ваколатдор) бо роҳи беасос кашол додани муҳлати бартараф намудани камбудии мол вайрон карда мешавад.

Ҳоло дар Точикистон суғуртаи чавобгарӣ барои сифати мол, кор ё хизмат пахн нагардидааст. Дар ҳолате ки, агар суғуртакунанда (метавонад ба сифати он истеҳсолкунанда, фурӯшанда, ичрокунанда баромад кунад) шартномаи суғурта дошта бошад, чавобгарӣ барои сифати мол, кор ё хизмат, ҳама масъалаҳои бо ин гуна иддаоҳо алоқамандро ширкати суғурта ҳал мекунад. Моҳияти ин суғуртакунӣ ба суғуртакунии бехатарӣ барои шахси сеюм (воқеӣ ва ҳуқуқӣ) дар вақти истеъмоли мол аз чониби онҳо, натичаи кор (хизмат)-ро ифода менамояд. Он имкон медиҳад, ки суғуртакунандаро аз харочотҳои моддӣ ҳимоя кунад, ин раванд ба ухдадории ӯ тибқи қонунгузории ЧТ чуброн намудани зарари ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шаҳрванд, ё ки молу мулки шахси ҳуқуқӣ дар натичаи камбудиҳои сохторӣ, ретсептурӣ ва дигар камбудиҳои мол, кор ё хизмат расонида шудааст, алоқаманд мебошад (саҳ. 300).

**Асоснокии хулосаю пешниҳодҳо.** Диссертатсия кори анчомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натичаи он барои рушди илм, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ созгор мебошад.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин, талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бо дарназардошти таҳқиқи мантиқӣ тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас, пайдарҳам таҳлил намудани қонунгузорӣ муайян карда шудааст.

Нуктаҳои илмии диссертатсия ва натичаҳои илмӣ, ки дар охири бобҳо ва зербобҳо, инчунин, хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Дар баробари ин саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мақолаҳои илмӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия гувоҳӣ

медиҳанд.

**Таълифоти натиҷаҳои такиқот дар нашрияҳои илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 49 асари илмӣ ва таълимӣ ифода гардида, ба теъдоди асарҳои калонҳаҷм 2 монография, 5 китоби дарсӣ, 1 васоити таълимӣ ва 2 тафсири илмию амалии қонунҳои соҳавӣ, 27 мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ дохил мешаванд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои ба нашррасида инъикос ёфтаанд. Оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия муаллиф дар чандин семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иктибоси мавод ишора менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пажӯҳишҳои соҳавӣ, ки ба падидаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсияи мазкур маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ: диалектикӣ, расмӣ–мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ ва усулҳои оморӣ истифода шудаанд. Дар маҷмӯъ, истифодаи методологияи ташкили таҳқиқоти илмӣ ба пайдо намудани донишҳои нав оид ба мавзуи таҳқиқот ва ба даст овардани дигар натиҷаи устувори илмӣ мусоидат намудааст.

Диссертатсияи мазкур нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаи танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми ҷанбаҳои танзими сифати мол, кор ва хизмат ба таври комил мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои илмӣ барои назария ва амалия, тавсияҳо барои**

**истифодаи онҳо.** Маводи таҳқиқотро метавон барои маърифати ҳуқуқии мардум, соҳибкорон, кормандони бонкӣ, такмили қонунгузорӣ, амалияи судӣ, бурдани тахқикдотҳои нав истифода намуд. Инчунин, маводи дар рисола овардашударо метавон ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус оид ба институти ухдадорӣ, замонат ва воситаҳои иҷрои таъмини он истифода намуд.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия:**

1. Дар навгонии дуюм муаллиф қайд менамояд, ки "Сифат дар фаъолияти иқтисодӣ – ин маҷмуи талаботҳои ҳатмии истеҳсолӣ (коршоямӣ, камхарҷӣ ва ғайра) ва истеъмолии (бехатарӣ, эстетикӣ ва ғайра) объектҳои ҳуқуқи граждании буда, тибқи хизматрасониҳои баҳодиҳии мутобиқат муқаррар карда мешаванд. Талаботҳои мазкур на танҳо дар СД ё низоми идоракунии хусусии сифат, балки дар шартномаҳои ҳуқуқи граждании низ пешбинӣ карда мешаванд. Аммо зикр намудан ба маврид аст, ки сифат маҷмӯи хосиятҳои истеъмолӣ ва хусусиятҳои мол (кор, хизматрасонӣ) мебошад, ки ба он қобилияти қонеъ кардани ниёзҳои пешбинишуда ё пешбинишударо медиҳад. Сифати мол хамчун истилоҳи иқтисодӣ бо чунин хусусият, монанди арзиши истифода зич алоқаманд аст. Аммо дар ҳолати омӯзиши сифат ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ он бояд на "дар фаъолияти иқтисодӣ", балки "чун қисми таркибии фаъолияти соҳибкорӣ" баҳо дода шавад. Андешаи муаллифро оид ба ин масъала дар рӯзи ҳимоя мушахас шунидан мехостем.

2. Дар саҳифаи 106 диссертасия муаллиф иброз менамояд, ки: "Харидор тибқи ухдадории кафолатӣ бояд қоидаи истифода ва нигоҳдории ашёро риоя намояд. Дар баъзе ҳолатҳо (масалан, дар вақти кафолат ба воситаи наклиёти автомобилӣ) он бояд молҳои дар ҳуҷҷати ҳамроҳкунандаи хизматрасонии техникӣ нишондодашударо пешниҳод намояд. Истифода намудани ин ухдадориҳо яке аз шартҳои мавҷудияти ухдадориҳои кафолатнок мебошад. Хизматрасонии кафолатнок аз ҷониби фурӯшанда, истеҳсолкунанда ё субъектони хоҷагидори

махсусгардонидашуда амалӣ мегардад. Лекин муаллиф мафҳумҳои “Харидор тибқи ухдадории кафолатӣ”, “Хизматрасонии кафолатнок”, “Хизматрасонии техникии кафолатнок” ва “санҷиши сифати истифодаи маҳсулот”-ро дар алоҳидагӣ шарҳ намедиҳад.

3. Муаллиф дар саҳифаи 309 рисола пешниҳод менамояд, ки масъалаи таҳия ва тасдиқи «Барномаи давлатии сифати мол, иҷрои кор ва хизмат барои солҳои 2022-2030» мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Аммо зарурати қабули ин барнома, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ин масъала таҳлил накардааст.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд, аз лиҳози илмӣ баҳснок мебошанд ва ба мазмуни умумии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Мувофиқати автореферат ба мухтавои диссертатсия.** Автореферат ба мухтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автреферат натиҷаҳои асосии тахқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасари бобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Мазмуни автореферат ва интишороти муаллиф нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои пешниҳодшудаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқикот дарҷ ёфтаанд. Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, ҷанбаҳои мусбати рисолаи илмиро ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои таҳқиқот минбаъд дар таҳқиқотҳои илмии танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат истифода шуда метавонанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат мусоидат намуда, омили такмили яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мегарданд. Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки диссертатсия бо забони тоҷикӣ ва дар сатҳи баланд таҳия гардида, қадами бузурге дар роҳи ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ дар бахши илми ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Мутобиқатии диссертатсия аз рӯйи мазмун ва шакли таҳия ба талаботи Комиссияи олии атесстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо назардошти андешаҳои зикршуда чунин мешуморам, ки диссертатсияи Мирзозода П. З. дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», кори мустақим ва илман анҷомёфта ба ҳисоб рафта, навгонии илмиро дарбар мегирад. Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (ихтисоси илмӣ:
12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ,
ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ),
профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии
муқоисавии факултети дипломатия ва
сиёсати Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон: **Раупова М.Т.**

Имзои Раупова Манзура Турсуновнаро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон: **Ҳамидов Ш.**

10.02.2023

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш.Душанбе, куч. Саид Носир, 33
Телефон: +992 (37) 224-17-86 Факс: (37) 224-17-86 Email: info@apa.tj